Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-024-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Раҷабзода Аъзамҷон Нурали дар мавзуи "Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ**

Даврони соҳибистиқлолӣ ва махсусан давраи ҷанги шаҳрвандӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор шахсиятҳоеро сари кор овард, ки барои миллату сарзамин ва ваҳдати сартосарӣ ҷонфидоиҳои зиёде карда, ному пайкори худро дар таърихи навини тоҷикон бо ҳарфҳои заррин сабт намудаанд. Ҳақ бар ҷониби Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аст, ки менависад: "Таърих ҳеҷ гоҳ дар фазои холӣ ба вуҷуд намеояд. Ҳар як саҳифаи он бо номи абармарде вобаста аст, ки бо гузашти вақт нақши онҳо дар ҳаёти ҷомеаи хеш ва асрҳои минбаъда беш аз пеш равшан мегардад" ва номи онҳо ҳеҷ гоҳ аз хотираи мардум фаромӯш намешавад.

Хушбахтона, чунин шахсиятҳо дар таърихи тамаддуни миллати тоҷик низ кам нест ва ҳар як марҳилаи он дорои шахсиятҳои барҷаста буда, ҳар кадоми онҳо дар соҳаҳои гуногуни илму маърифат ва таъриху сиёсат чеҳраи дурахшоне дошта, бо осору хизматҳои худ дар байни мардум машҳур гардидаанд. Аз ҷумла, яке аз чунин шахсиятҳо академик Талбак Назаров мебошад, ки тамоми ҳастӣ ва ҳаёти худро ба хизмати халқу ватан ва баҳри ноил шудан ба сулҳу муттаҳидии миллат бахшидааст.

Ӯ ҳамчун вакил ва муддате ба ҳайси раиси Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон, инчунин вакили халқии ИҶШС ба таҳкими волоияти қонун, баланд бардоштани обрӯи Тоҷикистон дар миқёси давлати шуравӣ ва арсаи ҷаҳонӣ доимо диққати махсус медод. Қобилияту истеъдоди ӯ ҳамчун сиёсатмадори баркамол дар мансаби вазири корҳои хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол бештар зоҳир шуд. Чунки ин давра фазои сиёсии кишвар ниҳоят мураккаб гардида, Тоҷикистон ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуда буд. Ӯ ҳамеша ҷонибдори ҳалли мусолиматомези

низои байни тоҷикон буд. Ба ҳайси роҳбари мақомоти сиёсати хориҷӣ дар суханрониҳои худ дар ҷаласаҳои Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилалӣ идеяи таҳкими субот ва эътимодро, хусусан дар минтақаи Осиёи Марказиро ба таври методӣ ва ҳадафмандона пешниҳод карда буд.

Метавон гуфт, ки академик Талбак Назаров тавонист дар як муддати кутоҳ бо маҳорати хоси дипломатии худ мактаби дипломатияи муосири тоҷикро рушду ташаккул дода, барои афзудани обрӯи давлат ва миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ заҳмати зиёде кашид ва илми тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд. Барои ҳамин, ӯ имрӯз ба сифати олими соҳибмактаб ва арбоби намоёни давлатӣ дар ҷомеаи тоҷикон ва ҳавзаҳои илмию сиёсии байналмилалӣ обру ва мақому мартабаи босазое дорад.

Ҳамин тавр, бо боварӣ метавон гуфт, ки академик Талбак Назаров дар ҳаёт худро на танҳо ҳамчун олими беҳамто, балки ҳамчун як чеҳраи бузурги сиёсӣ ва арбоби барҷастаи давлатӣ низ нишон дода, дар самти илму омӯзгорӣ то ба дараҷаи академикӣ ва дар самти хизмати давлатӣ то ба дараҷаи "патриархи дипломатияи тоҷик" расидааст.

Аз ин рӯ, омӯзиш, таҳлил ва натиҷагирии саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр мубрам буда, дар шароити соҳибистиқлолии кишвар на танҳо аҳамияти илмӣ-назариявӣ, балки аҳамияти амалиро низ доро мебошад.

Бояд қайд кард, ки то ҳол ягон таҳқиқоти махсуси илмӣ дар бораи саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода нашудааст. Ҳарчанд ҷанбаҳои алоҳидаи мавзуъ дар шакли мақолаву китобҳои библиографӣ баррасӣ шуда бошанд ҳам, онҳо тамоми паҳлӯҳои мавзуи мазкурро инъикос намекунанд.

Аз ин хотир, зарурати таҳқиқоти илмӣ дар ин самт ва таълифи диссертатсия ба миён омад, ки унвонҷӯ Раҷабзода А.Н. пас аз интихоби мавзуъ бо ҷиддият муносибат намуда, паҳлуҳои гуногуни онро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар раванди тащияи диссертатсия муҳаққиқ маҷмӯи адабиёт ва сарчашмаҳои илмӣ оид ба паҳлӯҳои гуногуни мавзуи мазкурро ба таври васеъ омӯхта, мавриди истифода қарор додааст.

Истеъдоди таҳлилию таҳқиқии унвонҷӯ дар муайян намудани сохтори диссертатсия низ зоҳир гардидааст. Сохтори кори

диссертатсионӣ ба назари мо хеле муносиб буда, барои ҳалли вазифаҳои дар назди унвонҷӯ қарор дода шуда, мусоидат намудаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объект, мавзуъ, асосҳои назариявию методологӣ, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст. Инчунин дар диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми он оварда шудааст, ки мубрам будани саҳми академик Талбак Назаровро дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос менамояд.

Боби якуми таҳқиқот - **"Марҳилаҳои асосии ҳаёт ва фаъолияти академик Талбак Назаров"** номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат аст. Дар боби мазкур муаллиф оид ба марҳилаҳои асосии ҳаёту фаъолияти Талбак Назаров ва ташаккулёбии шахсияти ӯ ҳамчун арбоби барҷастаи сиёсию давлатӣ ибрози назар намудааст.

Боби дуюми диссертатсия - "**Талбак Назаров – дипломат ва ходими давлатӣ**" унвон гирифта, аз се зербоб иборат мебошад. Дар ин боб муаллиф оид ба нақши Талбак Назаров дар татбиқи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раванди музокироти сулҳи тоҷикон ишора намуда, андешаҳои ӯро вобаста ба рушди муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ мавриди арзёбӣ қарор додааст.

Боби сеюми рисола - "**Нуфӯз ва эътибори байналмилалии академик Талбак Назаров**" ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар боби мазкур муаллиф оид ба саҳми Талбак Назаров дар муаррифии давлату миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ ва нуфӯзу эътибори байналмилалии ӯ ибрози назар намуда, ақидаҳои сиёсатмадорон ва олимони дохилию хориҷӣ дар бораи шахсият ва фаъолияти дипломатию сиёсии Т. Назаровро таҳлил намудааст.

Дар **хулосаи** кор натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада хулосабарорӣ гардида, тавсия ва пешниҳодҳои муаллиф оварда шудаанд.

Хулосаҳое, ки дар натиҷаи таҳқиқоти мазкур бароварда шудаанд, метавонанд ҳангоми таҳияи рисолаҳо вобаста ба таърихи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърихи муосири дипломатияи тоҷик ва ташаккулу рушди хизмати дипломатӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии

Тоҷикистон, маводи таълимӣ, методӣ, лексияву мақолаҳо оид ба таърихи ватанӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ истифода шаванд.

Асосҳои методологии таҳқиқот равиши тартибӣ ва таърихӣ ба ҳисоб рафта, дар раванди таҳияи рисола усул ва роҳҳои гуногуни илмӣ, аз қабили таҳлилӣ, тавсифӣ, муқоисавӣ, маълумотдиҳӣ ва усули муқоисавӣ-таърихӣ истифода шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар омӯзиш ва таҳлили илмии ташаккулу рушди хизмати дипломатӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос мешавад. Ба маънои васеъ, ин аввалин таҳқиқоти маҷмӯии илмӣ вобаста ба мавзуи саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли диссертатсия мебошад. Навгонии дигари илмӣ дар он таҷассум меёбад, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқот шумораи зиёди сарчашмаҳои камомӯхташуда ва нодирро мавриди омӯзиш ва истифода қарор додааст.

Ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз интихоби мавзуъ, муайян кардани мубрамияти он, муайянсозии мақсад ва иҷрои вазифаҳо бо иштироки бевоситаи унвонҷӯ анҷом дода шудааст. Муҳаққиқ дар раванди кор вобаста ба саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон адабиёту сарчашмаҳои илмию оммавиро мавриди таҳқиқ қарор дода, бо олимону ҳамкорон, шогирдон ва шахсан Талбак Назаров вохӯриву суҳбатҳои муҳим анҷом дода, хулоса ва тавсияҳоро пешниҳод намудааст. Ӯ, ҳамчунин, вобаста ба муҳтавои мавзуъ мақолаҳои илмӣ таълиф намудааст.

Далели ин гуфтаҳо чопи 6 мақолаҳои илмии маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақолаҳои илмӣ дар маҷмӯи мақолаҳои конференсияҳои илмӣ-назариявӣ мебошанд, ки дар онҳо муҳтавои асосии рисолаи диссертатсионӣ инъикос ёфтааст. Инчунин, аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва муассисавӣ пешниҳод ва баромад карда шудаанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло диссертатсияи Раҷабзода Аъзамҷон Нурали дар мавзуи **“Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ таҳқиқоти илмии мукаммал ва анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва барои ҳимоя тавсия мегардад.

Муаллифи диссертатсия Раҷабзода А.Н. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи
дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобозода Ф.Т.

Имзои Бобозода Ф.Т. -ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаюров Ф.З.

09.02.2024